# Тақриз

ба автореферати Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанави (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.03- Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия).

Маориф қадимтарин соҳаест, ки дар равнақу ривоҷ масъулияти бештареро ба зима доштани ҳар як фарди ҷомеа шарти асоси мебошад. Дар ин бахш метавон аз тамоми зарфиётҳои зеҳнӣ ба қадри имкон истифода карда бошад, ки афзалият ба ормонҳову ҳадафҳои назаррас ноил гардем. Аз ин нигоҳ, масъалаи хонандагони имконияти маҳдуд низ аз ҷумлаи мавзуъҳои умдаи соҳаи маориф аст, ки таҳқиқу баррасии он пешоруи омузиши мутахассисон ва нуқсоншиносон логопедон қарор гирифтааст.

Масъалаи ташаккули шахсият дар илми психология ва педагогика мавқеи маркази дошта вай моҳияти паҳлуҳои педагогика –таълим, омӯзиш, тарбият, дидактика ва методикаро муайян мекунад. Дар ин радиф хонандагони нуқсони нутқдошта ҳам ба таълиму тарбияи ҳамаҷониба ва босамар ниёз доранд ва дар се ҷода бо истифода аз усулҳои муосири таълим кор гирифт, то ки ба ин восита нуқсони нутқи онҳо бартараф ва ислоҳ карда шаванд.

Дар ҳамин замина мулоҳизаву баррасиҳо ва таҳқиқоти таълифшудаи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанави (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”

қобили тавачҷуҳ буда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ илман асоснок карда шудааст.

Рисола аз муқаддима се боб бо зербобҳояш хулосаву тавсияҳои методӣ ва руйхати адабиёт тамоми масъалаҳои дар таҳқиқот матраҳгардидаро ғунҷонида тавонистааст

Муҳаккиқ дарси ғайрианъанавии забони модариро дар ислоҳи нуқсони нутқ муҳим арзёбӣ намуда ташкил намудани бозиҳои логопедиро дар таълими ин гурӯҳи хонандагон зарур шуморидааст. Таъкид намудааст, ки истифода аз технологияҳои ғайрианъанавӣ барои ислоҳ намудани нутқи хонандагони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла дизгравия, брадилалия, тахилалия, ринолалия, дислексия, дизартрия, лакнатзабонӣ афония, бартаризм аз аҳамияти хос бархурдор буда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ин равиш бояд истиқбол намуд, то тавассути он шавқи алоқаи хонандагон омӯхтану андухтани маводи таълимӣ афзун гардид. Ҳамин нуқтаи муҳим дар рисола мавриди назар қарор гирифта, масъалаи мазкур таҳқиқ гардидааст.

Муҳаккиқ навгониҳои илмии таҳқиқотро ҳалу фасл намуда, нақши муҳим доштани дарсҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии забони модариро дар ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ, дар ин роҳ ташкили кори фардӣ, ҷуфти ва гурӯҳӣ, инчунин истифодаи мақсадноки бозиҳои логопедиро дар ислоҳ намудани нуқсони хонандагони имконияташон маҳдуд натиҷадеҳ ва таъсиргузор донистааст, ки шоистаи дастгири буда метавонад.

Унвонҷӯ тамоми масъалаҳои дар таҳқиқот матраҳгардидаро дар фишурдаи рисола ғунҷонида тавонистааст.

Ба андешаи муҳақиқ, кор дар гурӯҳҳо аз фаъолиятҳои босифат ва натиҷадиҳанда дар дарсҳои ғайрианъанавии забони модарӣ маҳсуб ёфта, барои ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагон нақши ҷолиброанҷом медиҳад. Вобаста ба ин масъала саҳм ва мақоми омӯзгорро, махсусан логопедро дар ислоҳнамоии нуқсони нутқи хонандагони ниёзманд муҳим

ва арзишманд баҳо додааст. Зеро шавқу рағбати хонандаро бе хондан барангехтан ва ташвиқ намудан вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор аст, то ки ба ҳар хонандаи нуқсони нутқдошта муносибати нек дошта ва ӯро бо сифати шахсият шиносад ва ба ҳамин васила нуқсони нутқи онҳоро ислоҳ намоянд.

Дар қисмати хулосаи автореферати диссертатсия натиҷа ва мулоҳизаҳои худро мураттаб баён дошта, нақш ва самаранокии дарсҳои ғайрианъанавии забони модариро дар ислоҳи нуқсони нутқи хонандагони имконияташон маҳдуди муассисаҳои таҳсилотӣ ҳамагонӣ муҳим муфид арзёбӣ кардааст.

Гузаронидани омӯзишҳои педагогӣ ва тавсияҳои ироанамудаи муҳаққиқ бунёди буда, дар роҳи ислоҳ намудани нуқсони нутқ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ арзиши муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Бартарияти ин таҳқиқот дар он зоҳир мекардад, ки муаллиф хулоса ва пешниҳодҳои қабули мушоҳида ва мантиқиро иброз доштааст, ки аз огоҳии комил доштани муҳаққиқ дар ин мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Автореферати рисола ҳамаи масъалаҳои сохтори рисоларо дар бар гирифтааст. Муҳаққиқ бо дар авалият қарор додани технологияи ғайрианъанавӣ зимни дарбаргирии дарси забони модарӣ дар ислоҳ намудани ислоҳи нуқсонро дар маорифи муосир тақозои замон арзишдовари намудааст.

Зикри ин нуқта муҳим аст, ки мақолаҳои илми дар маҷалаҳои дар КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон сабтгардида нашрнамудаи муҳаққиқ ва мундариҷаи рисола дар худ бозтоб кардааст. Мирзоева С. Д. ба хулоса омадааст, ки ин таҳқиқот аз рӯи маводи пажуҳиши ва ҳалли густурдаи масоили мавриди таҳқиқ таълифёфтаи пурмуҳтаво ва комили илмӣ башумор меравад.

Фишурдаи рисолаи номзадии Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир

бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” фарогири мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти маскур буда, ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгири ва соҳиби он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.03- Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия).

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмова Ҳ.Т.

31.10.2025

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17; Тел: 904 40 66 90; E-mail: kayumova.1973@inbox.ru

Имзои Қаюмова Ҳ.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б .Ғ.